**Асоснокнамоии лоиҳаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон**
**“Дар бораи савдои электронӣ”**

Тибқи банди 2 Нақшаи чорабиниҳо оид ба амалисозии марҳилаи сеюми Барномаи дастгирии давлатии соҳибкорӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2012-2020, ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 28 апрели соли 2018, №227 тасдиқ шудааст, дар давоми солҳои 2018-2019 бояд, ки аз ҷониби мақомотҳои дахлдор лоиҳаи санади меъёрии ҳуқуқӣ ҷиҳати танзими муносибатҳо оид ба савдои электронӣ таҳия карда шавад.

Ҷиҳати иҷрои талаботи мазкур дар Маркази миллии қонунгузории назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз ҳисоби мутахассисон ва намояндагони Вазорати адлия ва Вазорати рушди иқтисод ва савдо, гурухи корӣ таъсис дода шуд.

Гуруҳи корӣ қонунгузории давлатҳои Россия, Молдова, Украина, Узбекистон, Озорбойҷон ва дигар давлатҳои ИДМ -ро мавриди омӯзиш қарор доданд. Дар рафти таҳлил муайян гашт, ки дар сатҳи байналмилалӣ Қонуни намунавии ЮНСИТРАЛ “Доир ба тиҷорати электронӣ” аз соли 1996 қабул шудааст. Инчунин дар самт Қонуни намунавӣ “Доир ба савдои электронӣ” аз ҷониби Асамблеяи байнипарлумонии давлатҳои аъзои ИДМ аз 25 ноябр соли 2008 қабул гардидааст.

Аз таҳлили қонунгузориҳои давлатҳои зикршуда ва қонунҳои намунавӣ чунин бар меояд, ки ба низоми қонунгузории Тоҷикистон, бештар Қонуни намунави ИДМ “Доир ба савдои электронӣ” наздикӣ дорад. Аз ҳамин сабаб аъзоёни гуруҳи корӣ ҳангоми омода намудани лоиҳа онро ба асос гирифтаанд.

Лоиҳаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи савдои электронӣ” аз 6 боб ва 22 модда иборат буда, бо забони давлатӣ ва русӣ омода шудааст. Он асосҳои ҳуқуқии савдои электрониро муайян карда, ҳуқуқ ва уҳдадориҳои иштирокчиёнро муқаррар намуда, муносибатҳои ҷамъиятиро дар ин соҳа танзим менамояд.

Дар лоиҳа танзими муносибатҳои гражданию ҳуқуқӣ дар самти савдои электронӣ пешбинӣ гардидааст. Масъалаҳои мазкур дар қонунгузори гражданӣ то ҳол бо тариқи умумӣ ба танзим даровarda шудааст. Аммо дар лоиҳа усулҳои нави танзими чунин муносибатҳо дар шароити имрӯза, ки бо тариқи электронӣ муносибатҳои савдо рушд ёфта истодаанд, пешбинӣ гардидаанд. Аз ҳамин лиҳоз қабули лоиҳаи мазкур барои рушди савдои электронӣ метавонад мусоидат менамояд.

Маркази миллии қонунгузории
назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон